# ХАДАМОТИ ЗИДДИИНҲИСОРИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ФАРМОИШ

аз «18» феврали соли 2016 № 9 ш. Душанбе

Дар бораи танзим намудани Нархномаҳои хизматрасонии таъминоти оби нӯшокӣ, рафъи партовобҳо, чарогоҳҳо ва полизӣ

Ҷиҳати таъмини иҷрои супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 феврали соли 2016, № 22/2 – 15 ва бо мақсади танзими минбаъда ҳаққи пардохти хизматрасонии таъминоти оби нӯшокӣ ва рафъи партовобҳо, оби чарогоҳҳо ва оби полизӣ дар корхонаҳои давлатии фаръии обтаъминкунӣ ва канализатсия, корхонаҳои давлатии фаръии хоҷагии манзилию коммуналӣ ва Сарраёсати «Тоҷикобдеҳот» - и Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ», мутобиқи моддаи 14 –и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи монополияҳои табиӣ» ф а р м о и ш м е д и ҳ а м:

1. Нархномаҳои замимагардидаи хизматрасонии таъминоти оби нӯшокӣ, рафъи партовобҳо, оби чарогоҳҳо ва оби полезӣ, ки аз ҷониби корхонаҳои давлатии фаръии обтаъминкунӣ ва канализатсия, корхонаҳои давлатии фаръии хоҷагии манзилию коммуналӣ ва Сарраёсати «Тоҷикобдеҳот» - и Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» ба амал бароварда мешаванд, муқаррар ва тасдиқ карда шаванд.

2. Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» дар мӯҳлати муқарраргардида муқаррароти фармоиши мазкурро нисбати ҳамаи истифодабарандагон таъмин намуда, иҷрои онро зери назорати қатъӣ қарор диҳад.

3. Фармоиши мазкур барои аҳолӣ ва корхонаҳои ҳисоби хоҷагӣ аз 1 марти соли 2016 ва барои ташкилотҳои буҷетӣ аз 1 июли соли 2016 мавриди амал қарор дода шавад.

4. Амалӣ фармоиши Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2014, №42 «Дар бораи танзим намудани Нархномаҳои хизматрасонии таъминоти оби нӯшокӣ, рафъи партовобҳо, чарогоҳҳо ва полизӣ» барои аҳолӣ ва корхонаҳои ҳисоби хоҷагӣ аз 1 марти соли 2016 ва барои ташкилотҳои буҷетӣ аз 1 июли соли 2016, беэътибор дониста шавад.

5. Назорати иҷроиши фармоиш ба зиммаи Муовини якуми Сардори Хадамот вогузор карда шавад.

ШӮЪБАИ УМУМӢ